بسم الله الرحمن الرحیم

سرشناسه : قرائتی، محسن، ۱۳۲۴ / Qeraati, Mohsin

عنوان قراردادی : اخلاق آموزش. تاجیکی

عنوان و نام پدیدآور : Ахлоқи[Book] Муҳсини Қироъатӣ/. Баргардон Муҳаммадризоев Бобоҷон ;

مشخصات نشر : قم: نورالامین، ۱۴۰۱= ۲۰۲۲م.

مشخصات ظاهری : ۱۶۲ص.؛ ۱۴/۵ × ۲۱/۵ س‌م.

شابک : ۱-۴۶-۷۱۵۶-۶۲۲-۹۷۸

وضعیت فهرست نویسی : فیپا

یادداشت : زبان: تاجیکی.

موضوع : دانش و دانش‌اندوزی -- جنبه‌های اخلاقی
Learning and scholarship -- Moral and ethical aspects

موضوع : دانش و دانش‌اندوزی -- جنبه‌های قرآنی
Learning and scholarship -- Qur'anic teaching

موضوع : دانش و دانش‌اندوزی -- جنبه‌های مذهبی --اسلام
Learning and scholarship -- Religious aspects -- Islam

موضوع : دانش و دانش‌اندوزی-- جنبه‌های مذهبی-- اسلام --احادیث
Learning and scholarship -- Religious aspects-- Islam -- Hadiths

موضوع : دانش و دانش‌اندوزی اسلامی
Islamic learning and scholarship

شناسه افزوده : محمدرضایف، باباجان، ۱۹۸۴- م.، مترجم

رده بندی کنگره : BP۴/۲۵۴

رده بندی دیویی : ۶۵۳/۲۹۷

شماره کتابشناسی ملی : ۹۰۶۰۷۵۴

این کتاب با کاغذ حمایتی منتشر شده است NBP76



**Ахлоқи омӯзишӣ**
**Нависанда:** Муҳсини Қироъатӣ
**Баргардон:** Муҳаммадризоев Бобоҷон
**Чопи аввал:** 2023м
**Ношир:** Нураллимин
**Чопхона:** Ал-Мустафа чопхонаи рақамӣ саҳ
**Тирож:** 500

**اخلاق آموزش**
**مؤلف:** محسن قرائتی / **مترجم:** باباجان محمد رضایف
**چاپ اول:** ۱۴۰۱ش / ۱۴۴۴ق / ۲۰۲۳م
**ناشر:** نورالامین
**چاپ:** چاپخانه دیجیتال المصطفی ﷺ / **شمارگان:** ۵۰۰ / **قیمت:**

**مدیر انتشارات:** مصطفی نوبخت
**مدیر تولید:** جعفر قاسمی ابهری **ناظر چاپ:** ایوب جمالی



**pub.nooralamin@gmail.com**



**Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст**

Noor Al-Amin

# Ахлоқи омӯзишӣ

Муҳсини Қироъатӣ

**Баргардон**
Муҳаммадризоев Бобоҷон

# Феҳрист

Феҳрист ........................................................................ 5

Даромад: ........................................................................ 6

Арзиши таълим ва тарбият.................................................... 7

**Аммо ин ки кадом илмро биомузем?** .......................... 11

Ахлоқи омӯзишӣ .................................................................. 15

Ахлоқи пажуҳиш ................................................................. 56

Маниш ва рафтори устод .................................................... 85

Робитаи байни устод ва шогирд....................................... 131

## Даромад:

Таълим ва тарбият, аз ҷойгоҳи хоси дар мактаби Ислом бархурдор аст ва бар асоси оёти Қуръони Карим, Худованд авванин муъАлӣми башар عَلّمَ الانسان ва Парвардигори ҳамаи инсонҳо ва ҷаҳониён аст. رَبِّ العالَمين

Донишмандони Исломӣ дар ҷиҳати рушд ва таъолии фарҳанг ва тамадуни Исломӣ талошҳои фаровони карданд ва дар заминаи одоби таълим ва тарбият, китобҳои мухтАлӣфӣ таълиф шудааст.

Китоби ҳозир бо нигоҳи навин ба мақулаи омӯзиш, аз манзари оёти Қуръони Карим ва равишу расми пешвоёни дин, талош дорад дар қолаби иборотҳои мухтасар ва бо забони ширин ва равиши устод Қироъати мебошад, гушаи аз ахлоқи омӯзиш ва пажуҳишро барои толибони илму дониш баён кунад.

## Арзиши таълим ва тарбият

Худованд ба фариштагон гуфт: ман дар замин ҷонишини қарор хоҳам дод, фариштагон ба хотири тазоҳуми табиъӣ ва моддӣ, пешбинӣ мекарданд, ки инсон дар замин хунрезӣ ва фасод кунад, вале Худованд ба омӯхтани ҳамаи исмҳо ва асрори ҳастӣ ба Одам, ба фариштагон фаҳмонд, ки лаёқати инсон барои хАлӣфаи Худованд шудан, ба хотири илми ӯ аст, на ибодате ки фариштагон бештар доранд.

Қуръон мефармояд: агар каси як нафарро зинда кунад, гуё ҳамаи мардумро зинда кардааст: *каси инсониро аз марг наҷот диҳад, гуё ҳамаи мардумро зинда кардааст.*

وَمَنْ أَحْيَاهَا فَكَأَنَّمَا أَحْيَا النَّاسَ جَمِيعًا [1]

Имоми Содиқ (а) дар зери ин оят мефармояд: *агар каси шахси мунҳарифиро ҳидоят кунад, ӯро зинда кардааст, ва агар шахси касиро мунҳариф кунад, гуё ӯро куштааст*[2].

Қуръон мефармояд:

---

[1]. Мойда, ояти 32.

[2] . Кофи, ҷ2, саҳ 210.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اسْتَجِيبُواْ لِلّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُم لِمَا يُحْيِيكُمْ [1]

*Эй касони ки имон овардаед, ҳаргоҳ Худо ва Расулаш, шуморо ба чизи ки ҳаётбахши шумост, даъват кунад, бипазиред.*

Ногуфта пайдо аст, ки мурод аз ҳаёт дар ин оят, ҳаёти фикрӣ ва маънавӣ ва ахлоқӣ аст, на ҳаёти моддӣ ва дунявӣ.

Пайғамбар (с) аз Худованд мехоҳат ки ҳамвора дониши ӯро зиёд кунад:

وَقُل رَّبِّ زِدْنِي عِلْمًا[2]

Ин оят, инро мефаҳмонад, ки ҳеҷкас фориғ аз таҳсил немешавад ва ҳама бояд барои ҳамеша ба самти илмафзунӣ бошанд.

Пайғамбари Узайр (а) аз канори деҳкадаи вайроншуда мегузашт.

Ба худ гуфт: чигуна Худованд мурдагони ин деҳкадаро дар қиёмат зинда мекунад?

---

[1]. Инфиъол, ояти 24.

[2] . Тоҳо, ояти 114.

Худованд Узайр (а) ро садсол миронд, сипас зиндааш кард ва ба ӯ гуфт: чи муддат дар инҷо ҳасти?

Узайр гуфт: як рӯз ё нисфи рӯз, Худованд фармуданд: садсол аст, ки дар инҷо мурда буди. Акнун ба улоғи худ бингар ( улоғаш мурда ва устухонҳояш пусида буд) ки читавр ин устухонҳояшро ба ҳам пайванд дода ва бар по медорем, ва бар он гӯшт мепӯшонем.

Ин моҷаро, ки дар ояти 259 сураи Бақара омадааст, нишон медиҳад, ки илму дониш ба қадри арзиш дорад, ки Пайғамбарӣ, садсол мемирад то матлабиро биомӯзад.

Қуръон мефармояд: агар сагҳои омӯзишдидаро ба шикор фиристодед ва онҳо барои шумо сайди оварданд, он сайд барои шумо ҳалол аст.

أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَمَا عَلَّمْتُم مِّنَ الْجَوَارِحِ مُكَلِّبِينَ [1]

Аз ин оят истифода мешавад, ки омӯзиш, ҳатто ба саги ки наҷас аст, арзиш медиҳад ва шикори саги омӯзишдида, ҳалол мешавад.

---

[1]. Мойда, ояти 4.

Қуръони Карим, омӯзиши инсонро пеш аз офариниши ӯ матраҳ кардааст ва мефармояд:

عَلَّمَ الْقُرْآنَ خَلَقَ الْإِنسَانَ [1]

ва ин нишон медиҳад, ки ҷойгоҳи омӯзиш аст, ки аввал сухан аз ӯ меравад ва сипас сухан аз офариниш.

Ислом ба хотири арзиши илм, ҳамаи қайдҳо ва маҳдудиятҳоро бардоштааст ва мефармояд: *илмро фарогир! аз ҳар каси бошад, ҳатто аз мушрикин.*

خُذِ الْحِكْمَةَ مِمَّنْ أَتَاكَ [2]   خُذُوا الْحِكْمَةَ وَلَوْ مِنَ الْمُشْرِكِينَ [3]

Дар ҳар макone: *илмро биталаб агарчи дар Чин бошад.*

اطْلُبُوا الْعِلْمَ وَ لَوْ بِالصِّينِ [4]

Дар ҳар замоне: *дар талаби илм бош аз гаҳвора то гур.*

اطلُبوا العِلمَ مِنَ المَهدِ إلَى اللَّحْدِ [1]

[1]. Арраҳмон, ояти 2 ва 3.
[2]. Ғирарул Ҳикам.
[3]. Исбот ал-ҳудо, ҷ 1, саҳ 46.
[4]. Баҳорул Анвор,ҷ 1, саҳ 177.

Аммо ин ки кадом илмро биомузем?

Бар хилофи ин ҷумлаи маъруф ки мегӯянд:" инсон ҳар чиро ки бидонад беҳтар аз он аст, ки надонад".

Илму дониш се гуна аст: илми муфид, илми зарардор ва илми, ки на муфид аст ва на зарардор.

***1 Илми муфид***

Илми муфид ба қадри арзиш дорад, ки Пайғамбари улул ъазми монанди ҳазрати Мусо (а) бояд дар биёбонҳо аз паи устодӣ ҳамчун ҳазрати  Хизр (а) биравад ва роҳи тулониро тай кунад, то онҷои, ки бигуяд аз ин сафар сахтии бисёри кашидам:

لَقَدْ لَقِينَا مِن سَفَرِنَا هَذَا نَصَبًا [2]

то аз ончи барои рушд ва камол, лозим дорад, биомӯзам:

هَلْ أَتَّبِعُکَ عَلَی أَن تُعَلِّمَنِ مِمَّا عُلِّمْتَ رُشْدًا [3]

---

[1]. Наҳҷул Фасоҳа, ҳадиси 327.
[2]. Каҳф, ояти 62.
[3] .Каҳф, ояти 66.

Бале каси, ки ошиқи илмомӯхтан аст, талош ва кушиш мекунад. Зеро медонад, ки таҳамули сахти дар роҳи касби  илму донишу камол, арзиш дорад, албатта илми, ки мояи рушд бошад ва инсонро ба сӯи амАлӣ солеҳ роҳнамоӣ кунад ва фурутанӣ оварад, на мояи ғуруру бартариҷуӣ гардад.

### *2 Аммо илми музир ва зараровар*

Дар Қуръон мехонем: баъзи аз мардум чизҳои зиёноварро омӯзиш мебинанд:

وَيَتَعَلَّمُونَ مَا يَضُرُّهُمْ [1]

Дар ҷои дигар Қуръон мефармояд: аз чизҳои суол накунед, ки агар барои шумо рушан шавад, барои шумо зарар дорад:

لاَ تَسْأَلُواْ عَنْ أَشْيَاء إِن تُبْدَ لَكُمْ تَسُؤْكُمْ [2]

Гарчи ончиро намедонем бояд аз аҳлаш бипурсем:

فَاسْأَلُواْ أَهْلَ الذِّكْرِ إِن كُنتُمْ لاَ تَعْلَمُونَ [1]

---

[1]. Бақара, ояти 102.

[2]. Мойда, ояти 101.

Аммо баъзи суолҳо ҳастанд, ки агар ҷавобашон рушан шавад, ба зиёни фард ва ҷомеа аст, мисли суол аз айбҳои дигарон, ё асрори низомӣ. Муаъллимон ва гӯяндагон бояд зарфияти мухотабонро дар назар дошта бошанд ва аз баёни матолиби, ки осибҳоиро ба онон ба дунболаш дорад, дур кунанд.

Бале донистани ҳарҷизи на лозим аст ва на муфид, балки бояд ба суроғи донишҳои муфид рафт.

***3 Аммо илми ки на муфид аст ва на музир***

Сураи Каҳф, достони ҷавонмардони Худопарастониро нақл мекунад, ки барои инки дар ҷомеаи фосид ҳазм ва нобуд нашаванд, аз рафо ва осоиши шаҳр гузашта ва ба ғоре паноҳ мебаранд, то Парвардигор барояшон гушоишӣ фароҳам кунад.

Қуръон баъд аз баёни моҷарои онон, мефармояд: *гуруҳи аз мардум ба ҷои андешидан дар бораи ҳадафи ин ҷавонмардон, дунболи адад ва омори онон буданд.*

---

[1] .Наҳл, ояти 43.

Баъзе мегӯянд: се нафар буданд, баъзе мегӯянд: панҷ нафар буданд ва баъзе мегӯянд: ҳафт нафар буданд. Дарҳоли, ки донистани омори ин ҷавонмардон ҳеҷ аързиш ва аҳамияти надорад ва донистани инки теъдоди онон чанд нафар буданд, на воҷиб асту ва на мустаҳаб ва на ниёзи шахс аст ва на ниёзи ҷомеа.

Асҳоби Қаҳф ба мо дарси медиҳанд, ки шеъри маъруфи ки “ хоҳи нашави расво ҳамранги ҷамоъат шав” ғалат аст. Зеро ҷомеаи ки фосид шавад , набояд моҳам фосид шавем то расвотар назди Худованд шавем.